*Ба Шўрои диссертатсионии 6D.KOA-017 -и назди Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.(бо суроғаи 734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон. шаҳри Душанбе, кўчаи С.Айнӣ 44)*

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Раҳимзода Муҳаммадҷони Назар дар мавзўи "Ҷанбаҳои ташкилӣ-иқтисодии идоракунии рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ (дар мисоли корхонаҳои саноати сабуки вилояти Хатлон)", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рўйи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идора вобаста ба самти фаъолият (08.00.06 – Ташкил ва идораи корхона, низомҳо ва комплексҳо) пешкаш карда шудааст**

Дигаргуниҳои куллие, ки дар соҳаҳои асосии хоҷагии халқ ба амал меоянд, ба саноати сабук низ таъсир расонданд, ки он бо ҳамкорӣ бо дигар соҳаҳои саноат имкон медиҳад, ки маҷмўи маҳсулоти дохилии мамлакат зиёд гардида, маҳсулоти ватанӣ рақобатпазир бошад. Дар баробари ин омўхтани масъалаҳои идоракунии рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук дар шароити шаҳру вилоятҳо ва ноҳияҳои Тоҷикистон аҳамияти калон дорад.

Аммо дар шароити ташаккул ва рушди муносибатҳои бозорӣ дар соҳаи саноати сабук зарур аст: рушди технологияи ҳозиразамони пешқадам дар раванди технологии корхонаҳои саноати сабук; ошкор намудани усулҳои муосири фурўши мол бо назардошти хусусиятҳои консепсияҳои логистикӣ ва маркетингӣ; таъмини сатҳи баланди дастрасии иттилоот ва такмили механизми таъмини иттилоотии рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук; автоматикунонии тамоми равандҳои технологӣ бо назардошти талаботи иқтисодиёти инноватсионӣ; истифодабарии механизмҳо ва фишангҳои бозор барои таъмини рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук бо назардошти таҷрибаи мамлакатҳои дорои иқтисодиёти бозории рушдёфта. Ҳамаи ин муҳимият ва аҳамияти амалии мавзўи тадқиқотро муайян мекунад.

Ба ақидаи муаллиф, рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук категорияи иқтисодӣ буда, афзалияти корхонаҳои саноати сабукро аз нигоҳи фаъолият дар муҳити динамикии рақобат, фароҳам овардани бартариҳои рақобатӣ, афзоиши ҳиссаи бозор, қонеъ гардонидани талаботи истеъмолкунандагон ва қобилияти истеҳсоли маҳсулот тавсиф мекунад ва маҳсулоти рақобатпазирро бидуни зарар ба вазъи молиявии худ мефурўшад.

Таҳлили гузаронидашуда нишон медиҳад, ки дар сохтори саноати коркарди вилояти Хатлон мавқеи асосиро истеҳсоли маҳсулоти нассоҷӣ ва дўзандагӣ истеҳсоли чарм, маснуот аз чарм ва истеҳсоли пойафзол (44,68 %), истеҳсоли маснуоти резинӣ ва пластмассӣ, истеҳсоли ҳаргуна

маҳсулоти ғайрифилизии маъданӣ (27,19 %) ва истеҳсоли маҳсулоти хӯрока, якҷоя бо нӯшокиҳо ва тамоку (22,24%) ишғол менамояд. Ҳамзамон ҳаминро бояд таъкид кард, ки истеҳсоли маҳсулоти нассоҷӣ, дузандагӣ, истеҳсоли чарм, маснуот аз чарм, истеҳсоли пойафзол ва истеҳсоли маснуоти резинӣ, пластмассӣ, истеҳсоли ҳаргуна маҳсулоти ғайрифилизии маъданӣ тамоюли афзоиш дошта, коркарди чӯбу тахта, истеҳсоли маҳсулоти нафт, истеҳсоли маҳсулоти хӯрока якҷоя бо нӯшокиҳо ва тамоку тамоюли пастшавӣ дорад.

Дар айни замон хар як корхонаи саноати сабук кӯшиш мекунад, ки иктидори рақобати худро афзун намояд. Бинобар ин мо ба мақсад мувофиқ мешуморем, ки омилҳои асосие, ки ба дараҷаи рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук таъсир мерасонанд, муайян карда шаванд.

Дар баробари афзалиятҳо дар автореферат баъзе камбудию норасоиҳо дида мешаванд.

1. Дар саҳ. 12 консепсияи мукаммали идоракунии рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук пешниҳод карда шудааст. Мутаасифона дар автореферат таҳлили амиқи ҷузъҳои консепсияи мукаммали идоракунии рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук амалӣ карда нашудааст.

2. Аз ҷониби муаллиф механизми таъминоти иттилоотии идоракунии рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук пешниҳод карда шудааст. Аммо нишондиҳандаҳои интегралӣ, гурӯҳӣ ва алоҳидаи сатҳи рақобатпазирии корхона таҳлил карда нашудаанд.

Камбудиҳое, ки дар боло қайд карда шуданд, моҳияти назариявӣ ва амалии рисолаи мазкурро кам намекунанд ва дорои характери тавсиявӣ мебошанд.

Автореферати диссертатсия, дар сатҳи зарурӣ омода гардида, аз ҷиҳати мазмун ба талаботи “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, мутобиқат мекунад. Бинобар ҳамин муаллифи он Раҳимзода Муҳаммадҷони Назар сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идора вобаста ба самти фаъолият (08.00.06 – Ташкил ва идораи корхона, низомҳо ва комплексҳо) мебошад.

Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори
кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва омори
Донишғоҳи аграрии Тоҷикистон
ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур Самандарзода И.Ҳ.

Суроғаи донишгоҳ: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 146. Тел.+992935014316. E.mail: iskandar-s@mail.ru
Имзои д.и.и., профессор Самандарзода И.Ҳ. – ро тасдиқ менамоям:
Сардори шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ
ва кадрҳо Раҷабова Н.А.